*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 18 (4601) | СЕШАНБЕ, 31 ЯНВАРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# САДА - ПАДИДАИ ФАРҲАНГИ АСИЛИ АҶДОДӢ

**Паёми шодбошии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада**

**шаҳри Душанбе, 29 - уми январи соли 2023**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори фарорасии ҷашни бостонии Сада самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар саломативу хушбахтӣ ва барори кор орзу менамоям.

Сада, ки аз давраҳои бостонӣ ҷашни зимистонии аҷдоди мо шуморида мешуд, дар қатори Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон дар фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик мақому манзалати шоиста дорад.

Бо вуҷуди ҳикмату фалсафаи қадимаву амиқи худ, Сада бар асари омилҳои гуногун тайи асрҳои зиёд камранг ва ҳатто фаромӯш шуда, танҳо ба шарофати истиқлолияти давлатӣ эҳё ва мақоми ҷашни миллии расмиро соҳиб гардид.

Имрӯз ҷашни Сада чун падидаи фарҳанги асили аҷдодӣ ба як ҷузъи ҷудонопазири худшиносӣ ва ифтихори миллии мо табдил ёфтааст.

Рамзу маъниҳои Сада хеле зиёданд, аммо моҳияти асосии ҷашни Сада аз пирӯзии гармӣ бар сардӣ, рӯшноӣ бар торикӣ ва некӣ бар бадӣ иборат мебошад. Зеро нур ва гармӣ сабаби идома пайдо кардани рӯзгор, ҳастии мавҷудот ва ҳифзи зиндагист.

Воқеан, оташ дар тасаввуроти асотирии мардуми ориёӣ порае аз фурӯғу гармии хуршед дар рӯйи замин ба ҳисоб меравад.

Дар асоси сарчашмаҳои асотирӣ ва адабӣ шоҳ Ҳушанги пешдодӣ на танҳо рози оташафрӯзиро дарёфтааст, балки ҷашни гиромидошти онро бо номи Сада бунёд ниҳодааст.

Басо рамзист, ки оташ расо панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб қабл аз эътидоли баҳорӣ ва фарорасии соли нав кашф шуда, номи он низ бо ҷашни Наврӯз иртибот мегирад.

Дар ин бора яке аз адибони маъруфи асри XI Манучеҳрӣ мегӯяд:

**В-инак биёмадаст ба панҷоҳ**
**рӯз пеш**
**Ҷашни Сада – талояи Наврӯзи**
**навбаҳор.**

Тибқи асотиру ривоят кашфи оташ ва вобаста ба он истеҳсоли оҳан ва таъсиси ҷашни Сада боиси ба вуҷуд омадани бисёр касбу ҳунарҳои мардумӣ ва асбобу олоти корӣ гардидааст, ки то имрӯз идома ёфта, дар фаъолияти ҳаррӯзаи кишоварзон истифода мешаванд.

Қобили зикр аст, ки ҷашни Сада асоси қавии табиӣ ва иҷтимоӣ дорад. Дар шабу рӯзи ҷашни Сада, ки ба охири моҳи январ рост меояд, дар табиат гардиш ба сӯйи фасли баҳор рӯй медиҳад ва сардиҳои шадид паси сар мешаванд. Яъне, Сада аз сипарӣ шудани сармо, поёни чиллаи зимистон ва наздик шудани Наврӯз мужда мерасонад. Бинобар ин, Сада аҳли заҳматро водор месозад, ки аз фароғати зимистона берун омада, омодагиро ба мавсими нави кишоварзӣ ва боғдорӣ оғоз намоянд.

Деҳқонон дар минтақаҳои нисбатан гарм ба тоза кардани ҷӯйбору каналҳо ва боғдорон ба ниҳолшинониву ба тартиб даровардани дарахтон шурӯъ мекунанд, асбобу олоти деҳқонӣ ва техникаи кишоварзиро ба мавсими киштукор омода месозанд.

Аз даврони пешин то имрӯз ниёгони мо дар рӯзи ҷашни Сада намоиш ва фурӯши ниҳолҳо ва гулу буттаҳои ороишӣ, инчунин, бозори афзору олоти корӣ ва тухмиҳоро ташкил мекарданд.

Мо бояд расму ривоҷи гузаштагони худро идома бахшем, такмил диҳем ва бо дарназардошти вазъияту талаботи замони муосир васеъ истифода намоем. Зеро чунонки ҳамватанони азизамон мушоҳида мекунанд, бинобар сабабу омилҳои гуногун таъминоти аҳолии сайёра бо маҳсулоти ғизоӣ сол ба сол мураккабу мушкил гардида, дар баробари афзоиши талабот раванди болоравии мунтазами нархҳо, пеш аз ҳама, нархи озуқаворӣ идома ва ҳатто шиддат гирифта истодааст.

Дар чунин шароит мо бояд ба мавсими киштукори баҳорӣ ҳамаҷониба омодагӣ бинем, бештар заҳмат кашем, истеҳсоли маҳсулотро афзоиш диҳем ва кӯшиш намоем, ки мардумамон аз болоравии нархҳо ва камчинии маҳсулот азияту танқисӣ накашанд.

Соли гузашта кишоварзони мамлакат софдилона заҳмат кашида, ҳосили хуб ба даст оварданд, ки фаровонии имрӯзаи бозори истеъмолии дохилӣ самараи заҳмати онҳост.

Ҳарчанд ки ҳоло маҳсулот фаровону нархҳо муътадиланд, ҳамватанони азизи мо бояд сарфаю сариштакор бошанд ва талаботи қонуни танзимро ба таври ҳатмӣ риоя намоянд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки ҳар як оила ба масъалаи таълиму тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ зоҳир намояд.

Мо вазифадорем, ки барои илму дониш омӯхтан ва касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ намудани наврасону ҷавонон шароит муҳайё намоем.

Дар ин ҷода зарур аст, ки арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати бостонии тоҷик, унсурҳои созандаву ободгарона, ғояҳои муттаҳидкунанда, ватандӯстона ва инсонпарваронаи оину ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Садаро васеъ истифода барем.

Бори дигар мардуми сарбаланду заҳматкаши кишварамон, махсусан, кишоварзони мамлакатро ба ифтихори ҷашни бостонии Сада самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони мамлакат тандурустӣ, бахту саодат ва файзу баракати рӯзгор орзу менамоям.

**Ҷашни Сада муборак бошад, ҳамватанони азиз!**



# НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ

**Сиюми январи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Шаҳбоз Шариф номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Хабари фоҷиабори ба ҳалокат расидан ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Покистон бар асари амали террористии интиҳорӣ дар яке аз масҷидҳои шаҳри Пешовар боиси андуҳи беандозаи мо гардид.

Мо ин амали террористии золимонаро қотеъона маҳкум карда, ба Шумо, наздикону пайвандони фавтидагон ва тамоми мардуми бародари Покистон, ҳамдардиву тасаллияти амиқи ин ҷонибро изҳор менамоем ва хоҳони шифои комили ҳамаи маҷруҳшудагон ҳастем».

**www.president.tj**

# ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**30 – юми январи соли 2023 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуданд.

**«Садои мардум»**

# МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО МУҲАММАД БОҚИР ҚОЛИБОФ



**Сиюми январи соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар доираи сафар ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир бо Раиси Маҷлиси Шӯрои Исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Боқир Қолибоф мулоқот намуд.**

Дар он таъкид шуд, ки робитаҳои байнипарлумонии Тоҷикистон ва Эрон дар доираи ҳамкориҳои бисёрҷониба барқароранд. Миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шӯрои Исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон гурӯҳи дӯстии байнипарлумонӣ амал менамояд. Сафари аъзои гурӯҳи дӯстии байнипарлумонии ҳар ду кишвар ҷиҳати шиносоӣ бо фаъолият, боздиди онҳо аз мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва мулоқот бо роҳбарони вазорату идораҳои ҳар ду ҷониб ба тавсеаи ин раванд мусоидат намуд.

- Мо бо парлумонҳои зиёди кишварҳои дунё равобити хуби кориро ба роҳ мондаем. Аз таҷрибаи якдигар самаранок истифода мебарем. Парлумонҳо бозувони тавонои миллат ва давлатҳо мебошанд, ки дар густариши равобит нақши босазо доранд. Метавонем вобаста ба табодули ҳайатҳои байнипарлумонӣ, омӯзиши таҷрибаи якдигар дар низоми қонунофарӣ, иттилоотонӣ ҳамкориҳои судманд дошта бошем, - гуфт Маҳмадтоир Зокирзода.

Аз он қаноатмандӣ шуд, ки то имрӯз байни Тоҷикистону Эрон беш аз 160 санади муҳими байнидавлатӣ ба имзо расидааст.

Механизми муҳими ҳамкорӣ байни кишварҳо Комиссияи муштараки байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмию техникӣ мебошад. Маълум аст, ки дар замони муосир ба роҳ мондани ҳамкориҳои васеи иқтисодию сармоягузорӣ омили муассири рушди муносибатҳои дӯстона ва шарикӣ байни кишварҳо маҳсуб меёбад.

Зимни суҳбати пурмуҳтаво ҷонибҳо ҳавасмандиашонро ба густариши бештари равобити дӯстӣ ва ҳамкории гуногунпаҳлу таъкид намуданд.



# МУАРРИФИИ ИҚТИДОРУ ИМКОНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АЛҶАЗОИР

**Сиюми январи соли 2023 дар доираи сафари кории ҳайати парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар ҷаласаи 17-уми Иттиҳоди парлумонии Созмони ҳамкории исломӣ дар мавзӯи «Таҳдидҳо, бозсозӣ ва рушд» суханронӣ намуд.**

Дар маърӯза зикр шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон авлавиятро дар ҳамкорӣ бо давлатҳои аъзои созмон баҳри расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар мебинад. Дар ин раванд истифодаи самараноки захираҳои бузурги гидроэнергетикии мамлакат афзалият мебошад.

Номбурда иброз дошт, ки Тоҷикистон дар айни замон аз рӯи истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза, ки яке аз заминаҳои асосии ташаккул ёфтани «иқтисоди сабз» мебошад, дар қатори шаш кишвари пешсафи сайёра ҷойгир аст. Ҳукумати Тоҷикистон ба нақша гирифтааст, ки ояндаи наздик иқтидорҳои гидроэнергетикиро дучанд афзоиш диҳад ва барои ин пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Ҳамзамон, Тоҷикистон ҳамчун кишвари маҳсур дар хушкӣ ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки инфрасохтории дорои аҳамияти минтақавӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд.

- Мақсади мо аз татбиқи ин лоиҳаҳо тавсеаи имконияти транзитии минтақа бо роҳи ташаккул додани долонҳои нақлиётӣ ба самти бандарҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Шарқӣ, тибқи меъёрҳои байналмилалӣ бунёд намудани терминалҳои наздисарҳадиву марказҳои логистикӣ, аз ҷумла «бандарҳои хушкӣ», мебошад. Тоҷикистон дорои манбаи азими об, аз ҷумла оби ошомиданӣ, мебошад ва аз рӯи захираҳои он дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз, кишвари мо соҳаи мудирият ва истифодаи оқилонаи захираҳои обиро ҳамчун самти муҳими ҳамкории байналмилалӣ арзёбӣ менамояд, - гуфт Маҳмадтоир Зокирзода.

Ҳоло Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028, ки бо ташаббуси кишвари мо қабул гардидааст, мавриди татбиқ қарор дорад. Аз 22-юм то 24-уми марти соли равон бори дуюм дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк конфронс баргузор мешавад, ки дар он раванди татбиқи ҳадафҳои даҳсолаи мазкур арзёбӣ мегарданд.

Раиси Маҷлиси намояндагон илова намуд, ки 14-уми декабри соли гузашта Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми давлати моро дар соҳаи об бо иттифоқи оро дастгирӣ намуд. Тибқи қатънома, соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон гардида, аз соли 2025-ум ҳар сол 21-уми март «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» таҷлил мешавад.

Мутобиқи ин қатънома дар назди СММ Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо таъсис ёфта, соли 2025 дар шаҳри Душанбе гузаронидани конфронси сатҳи баланд дар назар аст.

Ёдовар мешавем, ки дар ҷаласаи 17-уми Иттиҳоди парлумонии Созмони ҳамкории исломӣ намояндагони зиёда аз 50 давлати ҷаҳон иштирок намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН УЗВИ КОМИССИЯИ ИҚТИСОДИИ ИТТИҲОДИ ПАРЛАМЕНТИИ СҲИ ШУД

**29-уми январи соли 2023 дар доираи сафари ҳайати парлумонии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода дар ҷаласаи комиссияҳои машваратии гурӯҳи парлумонҳои кишварҳои Осиё иштирок намуд.**



Дар он аъзои парлумонҳои Туркия, Туркманистон, Тоҷикистон, Покистон, Малайзия, Малдив, Қазоқистон, Қирғизистон, Эрон, Индонезия, Гуана, Бангладеш Озарбойҷон, Албания ва Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир иштирок намуданд.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи парлумонҳои Қазоқистон, Бангладеш ва Туркия узви комиссияи иқтисодии Иттиҳоди парламентии Созмони ҳамкории исломӣ интихоб гардид.

Худи ҳамон рӯз ҷаласаи кумитаи умумии Иттиҳоди парлумонии кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории исломӣ баргузор гардид, ки дар он Саидмурод Фаттоҳзода ва сардори Раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарлумонӣ, ташрифот ва ташкили кори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон Наҷибулло Оқилзода иштирок намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,
мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Қурбон ҲАКИМЗОДА: «КАМБУДИҲОРО ЯКҶОЯ ИСЛОҲ МЕКУНЕМ»

**Кормандони Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси вазифаҳое, ки аз Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд, фаъолиятро ба роҳ мондаанд. Пешвои миллат, аз ҷумла дар Паёми худ иброз доштанд, ки: «Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё, моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон - ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем».**



Ин нуктаро вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода дар нишасти матбуотӣ, ки 30-юми январи соли 2023 баргузор гардид, зикр намуд. Соли 2022 дар ҳама шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 49, 3 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8 дарсад зиёд мебошад. Дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ 53,4 фоиз ва аҳолӣ 46, 6 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дурнамои истеҳсоли ғалладонагиҳо як миллиону 628 ҳазору 100 тонна, пахта - 424, 6 ҳазор, картошка - 1 106, 4, сабзавот - 2626, 2, мева - 476,4, ангур - 279,2, гӯшт - 341,1, пилла - 780, асал - 4 ҳазору 578 ва моҳӣ 5 ҳазору 44 ҳазор тонна пешбинӣ шуда, 107, 8 дарсад таъмин гардид.

Қурбон Ҳакимзода аз сармои қаҳратун ёдовар шуда, қайд намуд, ки он ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ хисороти зиёд оварда, 12 дарсади маҳсулоти захиравии сабзавот талаф ёфт. Талафоти зиёди моҳӣ дар хоҷагиҳои моҳипарварии «Баҳор» ва «Фарел»-и дараи Ромити ноҳияи Ваҳдат аз ҳамон ҷумла аст.

Дар нишаст хабарнигорон аз оморҳои шубҳаовари картошкапарварӣ, нарху навои пиёз, иҷрои дурнамои кишти пахта ва коркарди ниҳоии он, нарасидани оби полезӣ, нархи нуриҳои минералӣ ва дастрасӣ ба он ва амсоли ин проблемаҳо, ки садди роҳи рушди соҳа мебошанд, нигаронӣ карданд.

- Вақте эрод мегиред, дар якҷоягӣ ислоҳ мекунем, - гуфт Қурбон Ҳакимзода.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**



## ЭЪТИРОФИ МАСЪУЛИН: «АСАРҲОИ МУСИҚӢ БАРОИ КӮДАКОН КАМ ЭҶОД МЕШАВАНД»

**30-юми январи соли равон дар Вазорати фарҳанги кишвар таҳти роҳбарии Зулфия Давлатзода нишасти матбуотӣ доир шуд.**

**Муовини якуми вазири фарҳанги кишвар Назариён Обид зимни нишасти матбуотӣ дар посух ба суоли хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» оид ба яке аз жанрҳои маъруфи мусиқии касбӣ - опера, хосса операи бачагона, чунин гуфт: «Асарҳои мусиқӣ барои кӯдакон кам эҷод мешаванд, ҳарчанд вазорат имкони харидани чунин асарҳоро дорад. Соли гузашта 16 асари мусиқии композиторон харидорӣ шуд, аммо миёни онҳо ягон либреттои опера барои кӯдакон набуд, зеро чунин асар ба вазорат пешниҳод нагардид».**

Вазири фарҳанг Зулфия Давлатзода, бо таъкиди он ки вазорат соли ҷорӣ ба масъала ҳатман таваҷҷӯҳи хосса зоҳир менамояд, илова намуд, ки дар маҷмӯъ соли гузашта бо харҷи 202 ҳазору 187 сомонӣ асарҳои драмавӣ, мусиқӣ ва санъати тасвирӣ харидорӣ шуд.

Зикр гардид, ки олимони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти назди вазорат ҳуҷҷатҳои номинатсионии «Тазҳиб-санъати зарҳалкорӣ» (якҷо бо Ҷумҳуриҳои Туркия, Эрон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон)-ро омода ва ба ЮНЕСКО пешниҳод намуданд. Ин муддат корҳо дар самти ворид намудани ёдгориҳои долонҳои Зарафшон-Қароқум, Фарғона-Сирдарё ҷоннок шуданд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Китоби сол - 2022», Рӯзи матбуоти тоҷик, Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Намоиши даҳуми байналмилалии «Китоби Душанбе», ҳамоиши илмӣ - оммавии «Дунёи ғазал» аз чорабиниҳои муҳими вазорат дар соли рафта арзёбӣ шуданд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

## ИСТЕҲСОЛИ РЕКОРДИИ НЕРУИ БАРҚ



**- Соли 2022 истеҳсоли неруи барқ дар ҷумҳурӣ 21 миллиарду 399,5 миллион киловатт/соатро ташкил дод, ки баландтарин нишондиҳанда ба ҳисоб меравад, - гуфт зимни нишасти хабарӣ 30-юми январи соли 2023 вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ҷумъа.**

Номбурда илова кард, ки рӯзҳои сарди имсола харҷи барқ дар як шабонарӯз дар кишвар ба 81 млн. кВт/соат расид, ки баландтарин нишондиҳанда дар низом аст.

Иттилоъ гирифтем, ки соли гузашта содироти неруи барқ дар умум 2 миллиарду 557,6 миллион кВт/соат зиёд буда, суръати афзоиш 105 фоизро ташкил додааст.

Ҷамъоварии маблағи барқи истифодагардида дар бозори дохилӣ 90 фоиз ё 3 миллиарду 244 миллион сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2021 - ум 130,4 миллион сомонӣ (4,2 фоиз) зиёд гардид.

Пардохти маблағи истифодаи неруи барқ аз тарафи аҳолӣ 93 фоиз иҷро гардида, дар муқоиса бо соли гузашта 9,3 фоиз ё 107 миллион сомонӣ зиёд аст.

Доир ба истеҳсоли неруи гармӣ масъулин иттилоъ доданд, ки он соли сипаригашта ба 1 миллиону 143 ҳазор Гкал баробар шуда, аз Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе ва дегхонаҳо 2937 иншооти пойтахт, аз ҷумла 544 иншоот дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 1346 - ноҳияи Сино, 658- ноҳияи Шоҳмансур ва 452 иншоот дар ноҳияи Фирдавсӣ бо гармӣ таъмин шуданд.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## 2 МЛН. МУШТАРӢ АЗНАВБАҚАЙДГИРИРО НАГУЗАШТААНД



**- Бо мақсади дар сатҳи дахлдор иҷро намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми феврали соли 2022 таҳти №12 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2016 таҳти №207-7», «Дар бораи тартиб ва талаботи пайвастшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он» Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо операторони алоқаи мобилӣ бо шиносномаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон (намунаи соли 2014 - ум) 6 миллиону 213 ҳазору 28 симкортро ба қайд гирифтаанд.**

Аз ҷумла 5 миллиону 558 ҳазору 993 бо ID-корт муштарии фаъол мебошанд. Нишондоди азнавбақайдгирӣ дар моҳи декабри соли 2022 - юм 66822 симкорт аст, - иттилоъ дод муовини якуми раиси Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илхомҷон Атоев 30 - юми январи соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ.

Бино ба гуфти ӯ, айни замон истифодабарандагони алоқаи мобилие, ки симкортҳояшон бо шиносномаи намунаи соли 1996 ба қайд гирифта шудааст, 2 миллиону 15 ҳазору 778 рақам буда, аз он 882 ҳазору 774 рақам фаъол мебошад.

Шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ 8,3 миллион нафарро ташкил медиҳанд, ки аз он 6,4 миллион муштарии фаъол мебошанд.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

Дар мавзӯи муҳим

# ДУ МИЛЛИАРДУ 335,4 МЛН. СОМОНӢ

## Чунин аст натиҷаи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Тавре ҳамватанони азиз иттилоъ доранд, дуюми июли соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» имзо гузошта буданд. Фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисодиёти миллӣ, таъмин намудани шаффофият, коҳиш додани ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ, бозгардонии доройӣ ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, фаъол намудани сармоягузорӣ барои рушди соҳибкорӣ ҳадафҳои ин санади меъёрии ҳуқуқӣ махсуб шуда, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доройӣ ва маблағҳояшонро тибқи он қонунӣ гардониданд, барои ҳуқуқвайронкунии содиршудаи ба ин доройӣ ва маблағҳо алоқаманд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ озод карда шуданд.**

Лозим ба ёдоварист, ки гурӯҳи кории байниидоравӣ аз намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи андоз, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ, Суди Олии иқтисодӣ таъсис дода шуд ва онҳо ду моҳ заҳмат кашиданд. Таклифу пешниҳод ва эродҳо зиёд буданд ва аъзои гурӯҳ онҳоро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода, фикри аксариятро ба назар гирифтанд.

- Татбиқи қонуни зикршуда чӣ натиҷа дод? - бо ин савол ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода муроҷиат намудем.

Бино ба гуфти номбурда, аз 30-юми августи соли 2021 то 31- уми декабри соли 2022 маблағи қонунигардонидашуда ду миллиарду 335,4 млн. сомониро ташкил додааст. Маълум гардид, ки аз ин маблағ 501,1 млн. сомонӣ амонати муҳлатнок, 904,6 млн. сомонӣ сармоягузорӣ ва 929,7 млн. сомонӣ ба самтҳои дигар рост меояд.

Бамаврид аст аз қонуни соли 2002 қабулгардида ёдовар шавем. Дар заминаи он ҳамагӣ 528 миллион сомонӣ қонунӣ гардонида шуд, ки ба 15,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилии он вақт баробар буд. Зиёда аз 80 фоизи ин маблағ бо доллари ИМА буда, дар он марҳила пасандози аҳолӣ зиёд гардид.

Ҳоким Холиқзода аз он ёдовар шуд, ки ҳангоми таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз таҷрибаи солҳои гузашта оид ба қонунигардонии маблағҳо, ки бо қонунҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2002 ва 2010 амалӣ гардида буданд, инчунин таҷрибаи қонунигардонии молу мулк, ки бо қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 амалӣ гардида буд, ба назар гирифта шуданд. Ҳамзамон, дар консепсияи қонуни амалкунанда, таҷрибаи муваффақи давлатҳои алоҳида низ мадди назар қарор дошт. Хусусияти фарқкунандаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз қонунҳои қаблан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда ҷиҳати амалӣ намудани қонунигардонӣ дар он аст, ки:

- маблағ ва дороиҳоро фаро гирифта, инчунин ба шаҳрвандон имконияти қонунигардонии маблағу дороиҳои дар хориҷа доштаи худро низ медиҳад;

- манфиати иқтисодии қонунигардонии номгӯи муайяни дороиҳо ва маблағ ҳамчун асос ба назар гирифта шудааст. Аз ин лиҳоз, мақсади қонун фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисоди миллӣ, таъмин намудани шаффофият, коҳиш додани ҳиссаи иқтисоди пинҳонӣ, бозгардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди миллӣ, фаъол намудани сармоягузорӣ барои рушди соҳибкорӣ муқаррар шудааст, ки ба мақсадҳои таҷрибаи ҷаҳонии барномаҳои авфи дороиҳо мутобиқ мебошад;

- авфи шаҳрвандонро барои ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ вобаста ба дороиҳо ва маблағҳо то қабули ин санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд;

- доираи имтиёзу кафолатҳои бештарро муқаррар мекунад;

- қайд кардан зарур аст, ки аз соли 2004 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узв ба Гурӯҳи АвруОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардони даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм шомил мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки ҷаласаи пленарии ФАТФ моҳи октябри соли 2012 санади «Таҷрибаи пешқадами идорасозии таъсири барномаи ихтиёран риоя намудани қонунгузории андоз аз нигоҳи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм» ва соли 2014 «Қоидаҳо барои кор бо барномаи ихтиёрии риояи қонунгузории андоз ва шарҳи он» - ро қабул намуд. Бинобар ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» принсипҳои асосӣ ва талаботи ин санадҳои ФАТФ ба назар гирифта шуданд.

Зери мафҳуми «маблағҳои шаҳрвандон», ки дар қонун қайд гардидааст, манзур пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъоре, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз он дар шакли нақдӣ ё ғайринақдӣ қарор доранд, мебошад. Қонунигардонии маблағҳои шаҳрвандон тавассути бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, ҳангоми риоя гардидани тартиб ва шартҳои қонун бо шаҳодатномаи шакли муқарраргардида, ки бонкҳо пешниҳод менамоянд, тасдиқ карда мешавад.



Раиси Бонки миллӣ гуфт, ки металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни риояи талаботи қонунгузорӣ истихроҷ шудаанд ё бо маблағи дар эъломияи даромад ё объекти андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондоданашуда харидорӣ шудаанд, металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, коғазҳои қиматнок, ҳиссаи иштирок дар сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ, инчунин, ҳама гуна молу мулки манқул ва ғайриманқул, ки берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағи дар эъломияи даромад ё объекти андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондоданашуда харидорӣ гардида, таҳти ҳуқуқи моликияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа қарор доранд ва молу мулки ғайриманқули худсарона сохташудаи шахсӣ ё дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда дороиҳои аз муқаррароти қонун бархӯрдор ба ҳисоб меравand.

Бо мақсади татбиқи муқаррароти қонун оид ба қонунигардонии маблағҳо бо қарори раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 6 - уми августи соли 2021 таҳти №126 санад ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонун тасдиқ карда шуда, қарори мазкур дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Ҷиҳати иҷрои муқаррароти қонун ва қарори ишорашудаи раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон корҳои муайян амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон дар қисмати заминаи меъёрии ҳуқуқӣ бахши алоҳида бо номи «Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба қонунигардонии маблағҳо» ташкил карда шуд, ки дар он санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор оид ба қонунигардонии маблағҳо ва роҳнамо дар шакли рӯнамои «Раванди қонунигардонии маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳо» барои дастрасии озод ҷойгир карда шуданд (https://nbt.tj/tj/amnesty);

Илова бар ин, моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба қонунигардонии маблағҳо ба бонкҳои ваколатдор дар шакли рӯнамо шарҳу тавзеҳ дода шуда, варақаҳои махсус (шаҳодатномаҳо) оид ба қонунигардонии маблағҳо нашр гардида, ба бонкҳои ваколатдор тақсим гардид.

Илова бар ин, ҳар моҳ тавассути идораи омор ва департаменти мониторинги молиявӣ ҳисоботи бонкҳои ваколатдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, инчунин ноҳияҳои шаҳри Душанбе оид ба қонунигардонии маблағҳо ҷамъоварӣ ва таҳлил мешаванд. Ҷиҳати қабули муроҷиати бонкҳои ваколатдор ва шаҳрвандон аз рӯи масъалаҳои марбут ба қонунигардонии маблағҳо ва додани шарҳу тавзеҳот ба онҳо хатти доимоамалкунанда низ фаъол мебошад.

Дороиҳо ва маблағе, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муомилоташон маҳдуд гардидааст ва ё аз муомилот гирифта шудаанд, инчунин, дороиҳо ва маблағҳое, ки то санаи мавриди амал қарор гирифтан ё дар давраи амали ин қонун ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба онҳо мавриди муҳокимаи судӣ қарор дорад, аз ин иқдом дар канор хоҳанд монд.

- Оё ҳолатҳое буданд, ки шаҳрвандон бинобар огоҳ набудан аз моҳияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои қонунигардонии чунин дороиҳо ва маблағ муроҷиат карданд? - пурсидем аз раиси Бонки миллӣ.

- Бо чунин мазмун ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиатҳо ворид нашудаанд, - гуфт номбурда.

- Ҷанбаи пурмоҳият махфияти маълумот оид ба қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳо, ки моддаи 4 муқаррар кардааст, маҳсуб мешавад. Тибқи он, «маълумот оид ба дороиҳо ва маблағҳои қонунигардонидашаванда, инчунин соҳибони онҳо махфӣ мебошад. Ифшои чунин маълумот танҳо аз ҷониби суд иҷозат дода мешавад, - афзуд ҳамсуҳбатам.

Омили дигари муҳим он аст, ки қонун барои шаҳрвандон имтиёзҳои андозӣ ва кафолатҳои давлатиро пешбинӣ менамояд. Онҳо кадомҳоанд?

Тавре Ҳоким Холиқзода гуфт, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дороиҳо (ба истиснои молу мулки ғайриманқул) ва маблағҳои худро тибқи ин санади меъёрии ҳуқуқӣ қонунӣ мегардонанд, дар давраи то амалӣ гардидани қонунигардонӣ ва давоми се соли пас аз мавриди амал қарор гирифтани қонун аз пардохти андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва фоизу ҷаримаҳои ба чунин дороиҳо ва маблағҳои қонунигардонидашуда дахлдошта, инчунин, ба даромад аз онҳо, ба маблағҳои аз фурӯши дороиҳои қонунигардонидашуда дахлдошта озод мешаванд.

Ба ғайр аз ин, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маблағи қонунигардонидашуда, аз ҷумла маблағ аз фурӯши дороиҳои қонунигардонидашударо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳамчун пасандози муҳлатнок ва ё амонати исломии муҳлатнок мегузоранд, ба объекти андозбандишавандаи шаҳрвандон дохил намешаванд.

Сокинони мамлакат, онҳое, ки молу мулки ғайриманқулро тибқи қонуни мазкур қонунӣ мегардонанд, дар давраи то амалӣ гардидани қонунигардонӣ тибқи қонун аз андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин, фоизҳо ва ҷаримаҳои ба чунин молу мулки ғайриманқул дахлдошта озод мешаванд ва дар ин давра молу мулки ғайриманқули қонунигардонидашуда мавриди андозбандӣ қарор намегирад.

Бо назардошти муҳимияти масъала, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли 2022 натиҷагирӣ шуда, дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20- уми июни соли 2022 қонунигардонӣ ба муҳлати як сол тамдид гардид.

Бо истинод ба суханони раиси Бонки миллӣ метавон хулоса намуд, ки татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» натиҷаҳои мусбат, аз ҷумла ворид гардидани сармояи иловагӣ ба низоми молиявӣ - бонкӣ ва ба ин васила, бештар гардидани маблағгузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, таъсис ёфтани ширкатҳои нав, беҳтар гардидани сармояи ширкатҳои амалкунанда, таъсиси ҷойҳои кории нав ва ба иқтисодиёти расмӣ баргардонида шудани маблағҳои андозсупорандагон аз иқтисодиёти пинҳонӣ, коҳиш ёфтани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмиро ба бор овардааст.

Илова бар ин, вусъат ёфтани гардиши қоғазҳои қиматнок, рушди маблағгузории сохтмони молу мулки ғайриманқул, маблағгузории хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, саноатӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва воридшавии сармоя аз хориҷи кишвару беҳтар гардидани мавқеи тавозуни пардохти ҷумҳурӣ пайомадҳои мусбати ин иқдом мебошанд.

**Далер АБДУЛЛО,
«Садои мардум»**

# КИШВАРИ ТАШАББУСКОР ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ОБУ ИҚЛИМ

**Боиси ифтихор аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои марбут ба обу иқлим эътироф шудааст. Чунончи, 14 - уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии СММ дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025 ва 21- уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қатънома қабул намуд.**



**Фазлиддин ИКРОМӢ,**
**муовини раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Қабули қатъномаи мазкур дар миқёси ҷаҳон иқдоми муҳим ва таърихӣ буда, тавассути он ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон пайдо мекунад, ки барои ҳифзи бузургтарин манбаъҳои оби ошомиданӣ тадбирҳои муштарак андешад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси 27 - уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим, ки 7- уми ноябри соли 2022 дар Миср баргузор шуд, чунин иброз намуданд: «Мусаллам аст, ки тағйирёбии иқлим ба равандҳои иқтисодиву иҷтимоии экологии кишварҳо дар манотиқи гуногуни олам таъсири бевосита дорад. Аз дидгоҳи мо, яке аз нишондиҳандаҳои асосии ин падида обшавии босуръати пиряххо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ мебошад. То имрӯз аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон як ҳазораш комилан об шуда, ҳаҷми бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ - Федченко ба таври назаррас коҳиш ёфтааст».

Моҳи августи соли 2021 гузориши Гурӯҳи байналмилалии коршиносони СММ дар бораи тағйирёбии иқлим ба чоп расида буд. Коршиносон хулоса карданд, ки дар гармшавии глобалӣ фаъолияти инсон, пеш аз ҳама, сӯхтани нефту газ ва дигар сарватҳои зеризаминӣ боис аст.

Тавре Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар конфронси зикршуда таъкид намуданд: «Ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми глобалии партовҳои газҳои гулхонаӣ дар сатҳи пасттарин қарор дошта, аз рӯи ин нишондиҳанда кишвари мо дар ҷойи 130-юм қарор дорад. Сарфи назар аз ин Тоҷикистон то имрӯз барномаҳо ва ташаббусҳои зиёди дохилидавлатиро қабул намуда, амалӣ мегардонад».

Дар кишвари мо бо мақсади коҳиш додани осебпазирӣ аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим аз моҳи майи соли 2009 «Барномаи стратегии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими СММ» роҳандозӣ шудааст. Барномаи мазкур мустаҳкамкунии иқтидори устуворӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, беҳсозии хизматрасонӣ ва иттилоотонӣ доир ба обу ҳаво, барномаи илмии иқлимшиносӣ ва моделсозӣ, таҳкими устувории иқлим дар сохтори энергетикӣ, идораи устувори захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ ва пурқувватгардонии устувории иқлимӣ дар ҳавзаи дарёи Панҷро дар бар мегирад.

Вобаста ба корҳои анҷомшуда баҳри кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд: «Тасмимҳои мо оид ба кабудизоркунӣ, рушди соҳаи гидроэнергетика - яке аз манбаъҳои асосии истеҳсоли «энергияи сабз», аз андозҳои аксиз ва арзиши иловашуда озод намудани воридоти нақлиёти барқӣ маҳз ба коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ ба муҳити зист нигаронида шудаанд».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускори вобаста ба сарфакорона истифодаи об корҳои зиёд анҷом дода мешавад. Бо ин мақсад «Консепсия оид ба сарфакорона истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2000), «Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2000 - 2020) қабул шудааст. Алҳол дар мамлакат татбиқи «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2025» идома дорад.

Бо мақсади сарфаи об аз ҷониби олимон технологияҳои инноватсионӣ, аз ҷумла обёрии қатрагӣ, борони сунъӣ, истифода аз таҷҳизоти «Вотербокс» (барои обёрии ниҳолҳо дар замини лалмӣ) ва усулҳои микрообёрӣ тавсия гардидааст. Истифода аз технологияҳои зикршуда боиси то 60 дарсад сарфашавии об гардида, ҳосилнокии зироатҳо 2-3 баробар меафзояд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар конфронси зикршуда дар бораи оқибатҳои ногувори обшавии босуръати пиряххо нигаронӣ карда, ҷомеаи ҷаҳониро ба андешидани чораҳои зарурӣ даъват намуданд: «Обшавии босуръати пиряххо, ки яке аз манбаъҳои асосии оби тоза мебошад, дар баробари зиёдшавии истеъмоли об бар асари афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ, метавонад боиси оқибатҳои бағоят манфӣ гардад. Возеҳ аст, ки ин масъалаи доғ бояд дар меҳвари таваҷҷуҳи хоси ҷомеаи ҷаҳонӣ ва хусусан пешвоёни сиёсӣ, қарор дошта бошад».

# САДА КАШФИ ОТАШ АСТ

**Ҷашнҳое, ки дар қадим пайдо гаштаву бо шаклу мазмуни нав, вале бо суннатҳои хос то ба замони мо омада расидаанд, ҳикмат доранд. Ҷашнҳои қадимаи таърихӣ Сада, Наврӯз ва Меҳргон, ки дар таърих бо номи «Ҷашнҳои сегона» маъруфанд, хусусиятҳои фарқкунанда доранд.**

**Дар робита ба ҷашни Сада Корманди шоистаи Тоҷикистон, адиб, Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Султонмурод Одинаев андешаҳояшро чунин иброз дошт:**

- Сада аз рӯи таърихи пайдоиш яке аз ҷашнҳои қадимтарини халқи тоҷик ба шумор меравад. Сада ба монанди Наврӯз ва Меҳргон, мутобиқи сарчашмаҳои хаттӣ, дар миёни қадимтарин зироаткорони Осиёи Марказӣ, яъне тоҷикон, идҳои қадимаи тоисломӣ мебошанд, зеро дар он давра чорабиниву иду ҷашнҳо дар аловхона бо пухтани анвои гуногуни таом, сурудхониву рақсу бозӣ ва ҳазлу шӯхиҳо баргузор мешуданд.

Абӯрайҳони Берунӣ дар китобаш «Осор-ул-боқия» чунин овардааст: «Сада-номи ҷашни рӯзи даҳуми баҳман аз ҳар соли шамсӣ...». Дар китоби дигар ишора шудааст, ки азбаски аз



даҳуми баҳман то Наврӯз панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз аст, ин рӯзро Сада ном ниҳоданд. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» асосгузори ин ҷашнро Ҳушанг меҳисобад. Баъзеҳо дар он ақидаанд, ки Сада дар замони Каюмарсу Исфандиёр ва Фаридуну Ҷамшед ба вуҷуд омадааст. Илова бар ин, баҳри муқаррар кардани таърихи пайдоиши ҷашни Сада ва қавоиду суннатҳои он «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ сарчашмаи бебаҳост. Аз ин рӯ, қиссаи пайдоиши ҷашни Сада, ки онро кашфи оташ номидаанд, аҷоиб ривояте дорад.

Рӯзи даҳуми моҳи баҳман буд. Подшоҳи даврони Пешдодиён - Ҳушанг ҳамроҳи сипоҳиёнаш бо мақсади шикор роҳи кӯҳеро пеш мегиранд. Ногоҳ аз пеши шикорчиён мори калоне мебарояд, ки гирди санги сиёҳ ҳалқа зада, шикамашро болои гиёҳҳои хушкидаи нарм гузошта истироҳат мекард. Шикорчиёни пешрав морро дида ба Ҳушанг хабар мерасонанд. Шоҳ Ҳушанг, ки марди қавипайкару паҳлавон буд, беибо санги калонеро бардошта морро нишон мегирад. Мор аз пайдо гаштани душманони ногаҳонӣ роҳи гурезро пеш мегирад. Санги ҳавододаи Ҳушанг хато меравсаду он ба мор нарасида, ба санги сипари мор бармехӯрад. Ҳамон лаҳза атрофи санг оташ аланга мезанад.

Ҳушанг, ки дар сангпартоӣ ва нишонзанӣ дар кишвараш ҳамто надошт, ҳам аз хато рафтани сангаш ва аз ҳама бештар аз забонаи алангаи сурху зарди ногаҳонӣ ҳайрон гашт. Шуълаи фавворазада дар як лаҳза хасҳои хушки атрофи сангро фаро гирифту оҳиста хомӯш гашт. Ҳушанг оҳиста-оҳиста ба назди хасу хошоки хокистаргашта рафта, аввал нӯги гурзи чӯбини дасташро ба сиёҳӣ расонд, баъд бо пояш палмосид, гармиеро эҳсос намуд. Даруntари майдони хокистаргашта қадам гузошт, чанги сиёҳ бархост ва гармии бештареро ҳис карду пояш сӯхт. Ба қафо гашту сангеро болои майдони сиёҳӣ партофт, боз чанг хест. Аз ғазаби он ки моҳияти воқеаро то охир дарк карда натавонист, санги дигарро гирифта сӯи санглох андохт. Дар шомгоҳи тира боз оташаке шуъла зада, хасҳои хушки атрофи санглох аланга гирифтанд. Ҳушанг ин дафъа болои алангаи оташ чӯбе партофт ва аланга баландтар забона зад.

Шоҳ Ҳушанг дарк кард, ки барои худ ва одамон оташ кашф гардид ва ба ин муносибат атрофиёнашро ҷамъ оварда, ҷашн ороста ва номи онро Сада гузошт. Ӯ шукри Яздонро ба ҷо оварда, ҳамон шаб оташи калоне афрӯхта, ба атрофиёнаш эълон кард, ки ин фурӯғи яздонист ва агар касе хирадманд аст, онро бояд парастад.

Ҳамин буд, ки Фирдавсии бузург ба ин муносибат чунин гуфтааст:

**Зи Ҳушанг монд он Сада ёдгор,**
**Пас аз ӯ чунон кард ҳар шаҳриёр.**

Ин аст таърихи пайдоиши ҷашни Сада. Дар ин ривоят муҳим он аст, ки ниёконамон рӯзи пайдоиши оташро, ки инқилоби азиме дар ҳаёти инсонӣ буд, ба иди бузург табдил додаанд.

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

## Аз рӯзгори одамони наҷиб

**Навниҳолакони роҳи илмро танҳо онҳое соябон мешаванд, ки худ дар ин ҷодаи душвортарин борҳо афтидаанду сипас ба ҷое расидаанд. Чунин нафарон, ки чашми сару дидаи дилашон аз роҳи илм боз гардидааст, дар ин масир муттакои ҷавонони илмдӯст мебошанд. Профессори факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мубашираxон Раҳимова аз зумраи чунин шахсон аст. Ӯ дарахти азими пурбореро мемонад, ки ҷавонон зери сояаш месабзанд.**

# СОЯБОНИ НАВНИҲОЛОН



Ӯро дар олами беканори илми мулоҳизаҳои созанда, мақолаҳои илмӣ, ки шуморашон беш 500-то мебошанд, машҳур намуд. Дар дунё аввалин пажӯҳишгарбонуе ба шумор меравад, ки Ҷоизаи хосаи Ҷумҳурии Исломии Эрон «Беҳтарин зани ихтироъкор» - ро (соли 2014) сазовор шудааст ва ин муҷиби ифтихори мо - тоҷикон мебошад. Кору рӯзгори ӯ барои ҷавонон, хоса бонувоне, ки дар ҷодаи илманд ибрат аст.

Роҳи тайкардааш дар илми кимиё тӯлонист ва ожангҳои возеҳи ҷабинаш асар аз роҳи дурударози ноҳамвори илм аст. Аз замони хатми факултети кимиёи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (соли 1971) ба илм пайваст. Дар самти кимиёи физикӣ ва каллоидӣ даҳҳо гиреҳи нокушодаро боз кард, дар рушди илми кимиё нақши нозудуданӣ гузошт. Аз соли 1975 ба ин сӯ ба таҳқиқ ва ҳосил намудани пайвастҳои координатсионии микроэлементҳои рӯҳ, оҳан, кобалт, мис, манган, никел, ки барои зиндагии инсон, растаниву ҳайвонот зарур аст, пардохта, ба комёбиҳои зиёд ноил шуд. Бо шогирдонаш ин гуна пайвастҳоро на танҳо ҳосил мекунанд, балки баъди ҳосил намудан, хосияти химиявӣ, физикӣ, биологиву физиологии онҳоро бо мутахассисон омӯхта, самти истифодаашонро муайян менамоянд. 34 патент барои ихтироъ дорад, ки онҳоро метавон дар соҳаҳои тибу кишоварзӣ, васеъ истифода намуд. Муҳимтар аз ҳама, ин бозёфти илмӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф шудаанд, аз ҷумла, дар ҳамоиши байналмилалии «Бонувони ихтироъкор». Солҳои 2012 - 2013 дар ҳамоиши зикршуда тарзи ҳосил намудани намакҳои табобатӣ барои ваннаҳо бо иловаи шираи гиёҳҳои маҳаллӣ, ба мисли парчадона, пудинаи боғӣ, райҳон ва гули садбарг, ҳосил намудани пайвастҳои координатсионии нуқра барои рӯпӯш намудани маводи ороишӣ, зиёд кардани хосияти обнигоҳдоштани гидрогенҳо дар асоси пайвастҳои координатсионӣ, рӯпӯш кардани чигити пахта бо полимерро муаррифӣ намуда, соҳиби се медали нуқра ва ду биринҷӣ гардида буд. Соли 2014 дар ҳамоиши мазкур, ки дар шаҳри Сеули Ҷумҳурии Куриё баргузор гардид, миёни 400 бонуи навоварӣ 26 давлати ҷаҳон, ихтироъҳои ӯ бо 4 медал - 1 тилло, 2 нуқра ва 1 биринҷӣ қадр шуд.

Дастоварди дигари илмиаш, ки дар ҳамоиш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, маҳлули пайвастаҳои оҳан бо аннионҳои тезоби узвӣ, аз ҷумла тезоби сирко ва лимӯ буд, ки барои пеш аз кишт тар намудани чигити пахта истифода мешавад. Дар натиҷа, кишти чигит осон, решаи пахта пурқувват мегардад ва ҳам ин амал пахтаро аз бемориҳои гуногун эмин медорад.

Агар ихтироoти солҳои пешинашон бештар ба соҳаи парандапарварӣ ва кишоварзӣ алоқаманд буданд, солҳои охир натиҷаҳои илмие ба даст овард, ки ба соҳаи тиб ва фармакология алоқамандӣ доранд. Барои дар амал татбиқ гаштани дастовардҳо худ низ талоши зиёде анҷом додааст. Масалан, бо дастгирии дӯстону фарзандон корхонаи хурди «Бозёфт» таъсис дода, дар он намакҳои табобатӣ барои ваннаҳо истеҳсол мешаванд, ки дар осоишгоҳҳои кишвар истифода мегарданд.

Фаъолияти омӯзгориаш пурмаҳсул мебошад. Аслан кори таҳқиқотиву омӯзгории олим бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд ва як навъ ҳамдигарро комил месозанд. Аз ҷумлаи омӯзгоронест, ки ба шогирдон ҳамеша гапи нави мегуфтанӣ дорад. Дар ин кор ба ӯ таҷрибаи бисёрсолааш мададрасон аст. Воқеан, ӯ навниҳолакони роҳи илмро соябон мебошад. То имрӯз зери роҳбариаш 10 нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя намудаанд.

Ин ва дигар ранҷҳои роҳи илмаш бо диплому ифтихорнома ва мукофотҳои дигари давлатӣ қадр шудаанд.

- Ба кишварҳои бисёр сафари хидматӣ намудаам ва аз корҳои олимон хуб огоҳӣ дорам. Ҳамеша мегӯям, ки олимони тоҷик аз олимони кишварҳои дигар кам нестанд. Донишу қобилияти зиёд доранд, аммо имкониятҳояшон камтар аст. Бо вуҷуди ин онҳо натиҷаҳои илмие ба даст овардаанд, ки ҷаҳон онҳоро пазируфтааст, - мегӯяд қаҳрамони матлаб.

Аз он ки имрӯз ҷавонон нисбат ба 5 - 10 соли пеш дониши хуби кимиёӣ доранду забонҳои хориҷӣ, компютерро нағз медонанд ва аз фанни риёзӣ низ бохабаранд, меболад. Ба ояндаи кимиёи тоҷик некбин асту онро дурахшон арзёбӣ менамояд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

## Рӯйдодҳои парламентҳои ҷаҳон

# ИҶЛОСИЯҲОИ БАҲОРӢ ОҒОЗ ЁФТАНД




Дар Думаи Давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия иҷлосияҳои баҳорӣ оғоз ёфтанд. Дар ҷаласаи нахустини пленарӣ нақшаи нави фаъолият баррасӣ ва тасдиқ гардид. Тибқи он, дар моҳҳои наздик қариб 100 лоиҳаи қонун мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Аз ҷумла, дар назар аст, ки вобаста ба масъалаҳои писархондии кӯдакони россиягӣ аз ҷониби шаҳрвандони кишварҳое, ки бо Россия муносибати дӯстона надоранд, тақвияти мақоми забони русӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи иштирокчиёни амалиёти махсуси ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо ба қонунҳои мавҷуда тағйирот ворид шавад.

*«Парламентская газета»*

# ДАР ТУРКМАНИСТОН ПАЛАТАИ БОЛОИИ ПАРЛАМЕНТРО БАРҲАМ ДОДАНД



Дар Ҷумҳурии Туркманистон палатаи болоии парламентро барҳам доданд ва парламенти якпалатагӣ - мақоми олии ҳокимияти халқ, Шӯрои мардумӣ (Халқ маслаҳатӣ) таъсис ёфт. Дар ин бобат 21-уми январ дар ҷаласаи якҷояи ду палатаи парламенти Туркманистон қарор қабул шуд. Мақоми олии ҳокимияти халқро собиқ Президенти Туркманистон Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов роҳбарӣ мекунад. Пештар вай раиси палатаи болоии парламент буд. Дар Туркманистон парламенти дупалатагиро моҳи январи соли 2021 таъсис доданд.

*«ТАСС»*

# ТАЪСИСИ ТАШКИЛОТИ НАВ



Раиси Кумита оид ба сохтмони Думаи Давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Сергей Пахомов зимни мусоҳиба бо рӯзномаи «Парламентская газета» роҷеъ ба созмон додани Ташкилоти кафолатноки идоракунӣ дар сохтори хоҷагии манзилию коммуналӣ иттилоъ дод. Вобаста ба ин иқдом лоиҳаи нави қонун барои баррасӣ ба парламент пешниҳод карда шуд. Ба гуфти вакил, он ба қатори ташкилотҳое дохил мешавад, ки ба хонаҳои бисёрҳуҷра хизмат мерасонад.

Ҳатмӣ нест, ки ТКИ ширкат ё корхонаи садфоизаи давлатӣ ва мунитсипалӣ бошад. Шахсони алоҳида низ метавонанд бо риояи қонуну меъёрҳои мавҷуда чунин ташкилотро созмон диҳанд.

*«Парламентская газета»*

**Таҳияи Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## Агар хомӯш биншинем, гуноҳ аст

# ТАҚВИЯТИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ - ОМИЛИ РУШДИ ИДЕЯИ МИЛЛӢ

**Дар шароити кунунӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти комили сиёсию фарҳангӣ ва иқтисодию геополитикӣ ба даст овардааст, доир ба арзишҳои моддӣ ва маънавӣ андеша баён кардан салоҳияти пажӯҳишгарон аст, зеро дар вазъияти пурпечутоби сиёсии ҷаҳони мутамаддин танҳо қишри хирадгарои ҷомеа метавонад дар рушди тафаккури мардум таъсири мусбат расонад.**

Сабақи таърих инсониятро роҳнамоӣ мекунад, то ба боргоҳи мақсуд бирасад, вале кам шудааст, ки инсонҳо ба панди таърих гӯш дода бошанд. Ба қавли файласуфи бузурги олмонӣ Ҳегел, «таҷриба ва таърих нишон медиҳад, ки халқҳо ва ҳукуматҳо аз таърих ҳаргиз чизе наомӯхтаанд ва мувофиқи панде, ки аз таърих гирифтаанд, амал накардаанд».

Аз ин ҷост, ки ҳодисаҳои таърихӣ дар марҳилаҳои гуногун дар шаклу навъи дигар такрор мешаванд. Зарурат ва амри воқеӣ муҳаққиқонро водор месозад, ки ҳамеша башариятро аз фоҷиаҳои бузурги иҷтимоию сиёсии замон ҳушдор диҳанд. Ба ин матлаб моҷароҳои пурпечутоби даҳаи охири асри гузашта мисол шуда метавонанд, ки аз як сӯ, пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравиро пеш овард ва аз сӯи дигар, мустақилияти давлати моро бо мушкилтарин ҳолати низоъовар, ки бунёдаш тафриқаҳои ифротии таҳмилӣ буданд, рӯ ба рӯ гардонид. Дар ҷараёни он даргириҳо мураккабтарин вазъи иҷтимоӣ ба миллати тоҷик соя афканд ва хатари нест шудани миллат ва маҳрум шудани он аз тафаккури миллӣ пеш омад, вале бо амри тақдир зимоми давлатдорӣ ба зиммаи шахсияти ватандӯсту давлатсоз ва ваҳдатофар – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афтод, ки марҳила ба марҳила он даҳаи пур аз низоъ паси сар шуда, барои ин миллати азияткашида дарси ибрат шуд.

Бешак, бо ташаббус ва роҳнамоиҳои бевоситаи ин марди фарзона истиқлолияти комили сиёсӣ ба даст омада, дар заминаи он ваҳдати миллӣ, ки бунёди он аз тафаккури миллӣ маншаъ мегирад, эҳё гардид. Бо назардошти ҳастии тафаккури миллӣ рушду суботи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлату ҷомеа таъмин гардида, суботу амнияти миллӣ истиқрор ёфтааст.

Чун мафҳумҳои зикргардида аз рӯи сохтор мавқеи устувори худро мукаммал доранд, ташаккулу тақвият додани ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва тафаккури миллӣ, ки вижагии миллати тоҷик дар доманаи таърих будаанд, муҳим даниста мешавад.

Ҳувияти миллӣ, ки давраи тӯлонии ташаккулёбиро пушти сар намудааст, вобаста ба вазъи сиёсӣ дар шаклу мазмуни гуногун маънидод шуда, омили асосии устуворӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ маҳсуб мешавад.

Мафҳуми он бевосита ба ҳастии шахс марбут буда, на танҳо фарогири мансубият ва фазои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ аст, балки ба забон, марз ва дар маҷмӯъ ба тамоми арзишҳои миллӣ, давлату миллат мутааллиқ аст. Вобаста ба методҳои илм ҳувият хусусияту нишонаҳои равонии шахсро дар бар гирифта, тасаввуроту ҷаҳонбинии онро нисбат ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ муайян менамояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки бархӯрди тамаддунҳоро ба вуҷуд овардааст, таҳкиму рушди давлати миллӣ ва тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ яке аз омилҳои аввалиндараҷа дониста мешавад. Бидуни ҳувияти миллӣ дар вазъи номутаносиби ҷаҳони муосир ва фишорҳои пардапӯшонаи шаклию идеологии давлатҳои абарқудрат тасаввур кардани давлати миллӣ ва эҳсоси ҳастӣ намудани шахси комил, имконнопазир аст. Аз ин рӯ, барои тақвияти ҳувияти миллӣ метавон омилҳоеро ҳамчун асос истифода намуд, ки ҷомеаро аз хатарҳои дохилию берунӣ, аз қабили хурофотпарастӣ, ситезаю низоъҳои оилавӣ, каҷрафторӣ, моҷароҳои қавмиву мазҳабӣ, ифротгароӣ ва дигар падидаҳои харобиовари замони муосир наҷот бахшида, дар ин замина, барои беҳбуд бахшидани ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии шаҳрвандон мусоидат намояд.

Баъд аз он ки шахсияти комил ба воситаи худшиносӣ ҷавҳари аслии худро дарк мекунад, ӯро лозим аст, ки мазмуни андешаашро дар тафаккур татбиқ намояд. Барои амалисозии ин раванд дарки таърихӣ ва таҳаввулпазирии он хеле муҳим аст.

Хулоса, ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва идеяи миллиро метавон ҳамчун воситаи таъмини амнияти устувор ва дар амал ҷорӣ намудани сиёсати давлат дар роҳи ҳифзу нигоҳдории мувозинати ҷамъиятӣ ва таъмини ягонагӣ дар замони пур аз тазоду бархӯрди тамаддунҳо донист. Ягона воситаи суботу амнияти иҷтимоӣ ва рушди тафаккури миллӣ муҳиму зарурӣ ва роҳнамои ояндаи босуботи кишвар эътироф намудани иттиҳоди фикрии миллат ва ваҳдати қалбҳо мебошад.

**Баҳманёр СУЛАЙМОНӢ,**
**номзади илмҳои фалсафа,**
**дотсенти кафедраи фалсафа**
**ва сиёсатшиносии ДДЗТ**
**ба номи С. Улуғзода**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 7-уми марти соли 2023 музоядаи № 1-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул барпо менамояд

**- Навес «мойка»-и Корхонаи автомобилии назди Раёсати сохтмони асосии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Даври ҷанубӣ - 200. Нархи ибтидоӣ - 208 000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад. **Ҷойи баргузоршавии музояда - шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. MUZOYADAKVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 7-уми марти соли 2023 музоядаи № 2-ро оид ба фурӯш ё ба иҷора супоридани амволи ҶСК «Фононбонк» ва ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

### ҶСК «Фононбонк»

| т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино (м²) | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои мағоза | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мир - 83/4, ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | 301,9 | 1 806 584,0 |
| 2 | Маркази савдо | шаҳри Душанбе, Маркази «Дарвоз» кӯчаи Сомон - 432 | 183,9 | 1 800 000,0 |
| 3 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» | ноҳияи Айнӣ, Ҷамоати деҳоти Айнӣ, кӯчаи Рӯдакӣ - 21 | 1708,0 | 3 528 370,0 |
| 4 | Бинои мағоза (ду адад) | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мир - 83/4, ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | 236,7 | 1 540 839,0 |
| 5 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаротегин - 496 | 123,5 | 210 000,16 |
| 6 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода (ошёнаи 15 блоки В) | 56,9 | 440 064,60 |
| 7 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода (ошёнаи 14, блоки В) | 56,9 | 440 064,60 |
| 8 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, (ошёнаи 11, блоки Г) | 45,5 | 351 897,0 |
| 9 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев - 144, ҳуҷраи 29 | 23,8 | 152 772,0 |
| 10 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Сари Осиё, хонаи 34 | 183,9 | 542 280,0 |
| 11 | Экскаватор | тамғаи «Хундай Робекс – 300», ЛС-9 | --- | 835 030,0 |
| 12 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Навбаҳор - 2/2, хонаи 13 | 112,2 | 830 000,0 |
| 13 | Истироҳатгоҳ | ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзобқалъа, деҳаи Очук | 87,8 | 850 000,0 |
| 14 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, хонаи берақам | 511,4 | 1 080 353,0 |
| 15 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Ҷангалобод - 2 | 340,2 | 666 000,0 |
| 16 | Бинои маъмурӣ | ноҳияи Файзобод, кӯчаи А. Ҷомӣ - 1/2 | 168,1 | 206 972,0 |
| 17 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 129,0 | 341 551,0 |
| 18 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 323,4 | 151 643,0 |
| 19 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, кӯчаи «70-солагии Мирзо Турсунзода», деҳаи Боғистон | 179,4 | 130 907,0 |
| 20 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Манзар | 93,4 | 307 768,0 |
| 21 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа | 175,1 | 417 626,0 |
| 22 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Бохтар, кӯчаи Кайҳоннавардон - 12, хонаи 20 | 70,78 | 199 033,0 |
| 23 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷайҳун, Ҷамоати деҳоти Истиқлол, деҳаи Телман | 213,0 | 276 346,0 |
| 24 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти Сангин, деҳаи Болшевик | 326,0 | 632 436,0 |
| 25 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Борбад, бинои 23, ҳуҷраи 35 | 47,2 | 133 670,0 |
| 26 | Сехи истеҳсоли коғази ташноб | шаҳри Бохтар ва Левакант | 976 | 323 981,0 |
| 27 | Таҷҳизоти KHUMO INGINEERING | Тамғаи «GDS-308E» ҶДММ «Абдулазиз», ноҳияи Ховалинг | --- | 885 168,0 |
| 28 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Исфисор, кӯчаи Бӯстон | 508,8 | 766 442,0 |
| 29 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Ленинобод, деҳаи Чорбоғ | 29,70 | 175 075,0 |
| 30 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷаббор Расулов, Ҷамоати деҳоти Сомониён, деҳаи Зарафшон | 129,6 | 146 708,0 |
| 31 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Пошкент, деҳаи Яккабоғ | 92,10 | 126 095,0 |
| 32 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи А. Бобоҷон, хонаи 9 | 60,60 | 389 532,0 |
| 33 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Г. Самиев, хонаи 27а | 289,40 | 173 978,0 |
| 34 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи М. Мӯсоев, хонаи 11 | 863,0 | 604 115,0 |
| 35 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти «Гули сурх», маҳаллаи Ясӣ | 50,60 | 543 796,0 |
| 36 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти «Гули сурх», деҳаи Куруштак | 108,50 | 487 970,0 |
| 37 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Бобобарот, хонаи 13 | 46,4 | 235 924,0 |
| 38 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Қалъачаи Калон, деҳаи Сурхӣ | 110,90 | 232 755,0 |
| 39 | Манзили истиқомати | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Чкалов, хонаи 13 | 49,45 | 186 430,0 |
| 40 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти «Гули сурх», маҳаллаи Ясӣ | 153,60 | 268 728,01 |
| 41 | Экскаватор | Тамғаи WOLVO, рақами қайди давлатӣ - 226 ТА 01 TJ, шаҳри Истаравшан | --- | 450 000,0 |
| 42 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» | ноҳияи Зафаробод, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 39а (ҶДММ «Доруи Тоҷик») | 745,0 | 4 400 000,0 |
| 43 | Бинои маъмурии ҶДММ «Зарбед» | шаҳри Конибодом, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ - 16 | 251,1 | 798 022,75 |
| 44 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 33, бинои 31, хуҷраи 16 | 44,4 | 177 043,67 |
| 45 | Қисми Заводи оҳану бетони (ЖБК) ҶДММ «Хӯҷаназар» | шаҳри Хоруғ, кӯчаи Имроншоев - 55 | 3029,04 | 5 150 991,0 |

### ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»

| т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино (м²) | Қитъаи замин (м²) | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фермаи комплексӣ | ноҳия Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷамоати деҳоти Панҷрӯд | 8 672,0 | 30 000,0 | 1 150 000,0 |
| 2 | Мағоза | ноҳияи Вахш, Ҷамоати деҳоти «20-солагии Истиқлолият», к. Пахтакор | 135,0 | 200,0 | 127 926,0 |
| 3 | Бинои филиали бонки ҶСП «Тоҷпромбонк» | ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, Ҷамоати деҳоти Иван Тоҷик, деҳаи Оббурдон | 126,06 | 267,0 | 500 000,0 |
| 4 | Меҳмонхонаи «Анис»-и ҶСК «Ҳасан Абдулло» | ноҳияи Мастчоҳ, шаҳраки Бӯстон, кӯчаи С. Акрамов | 1 900,0 | 2 003,7 | 3 400 000,0 |
| 5 | Фабрикаи нотамоми бофандагии ҶСП «АСХИЁ» | шаҳри Конибодом, кӯчаи Бобокалонов - 34 | 23 543,0 | 69 606,0 | 13 471 200,0 |
| 6 | Бинои сехи ресандагию бофандагии ҶСП «Ресмон» | шаҳри Конибодом, Ҷамоати деҳоти Х. Содиқ - 45 | 7 750,0 | 38 000,0 | 10 869 006,0 |
| 7 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 11, блоки «Г» | 53,6 | --- | 481 757,0 |
| 8 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 11, блоки «Г» | 128,9 | --- | 1 158 553,0 |
| 9 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 11, блоки «Г» | 128,8 | --- | 1 157 654,0 |
| 10 | Манзили истиқоматии ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 11, блоки «Г» | 128,9 | --- | 1 158 553,0 |
| 11 | Бинои филиали бонки ҶСП «Тоҷпромбонк» | ноҳияи Муъминобод кӯчаи Раҳимов | 702,0 | 2 300,0 | 1 000 000,0 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, телефон - 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413336 | Бонки миллии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ дар бинои маъмурии бонк | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.02.2023 18:00:00 |
| 2 | 413337 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант | Сохтмони меҳмонхона дар шаҳри Левакант | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.02.2023 13:20:15 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд.

Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ

**Республика Таджикистан**
**Проект сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)**

**Наименование задания:**
**Строительство водовода от водоочистных сооружений до распределительной камеры №1**
**Номер НКТ: RWSSP-W/015**
**Грант МАР №: D4310-TJ**

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для реализации Проекта сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС) и намерена использовать часть средств на строительство водовода от водоочистных сооружений до распределительной камеры №1.

**Центр управления проектом сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)** приглашает правомочных участников торгов на выполнение строительных работ нижеследующего объекта:

RWSSP-W/015 «Строительство водовода от водоочистных сооружений до распределительной камеры №1»

период строительства объекта составляет 12 месяцев.

Конкурсные торги будут проводиться по процедурам национальных конкурсных торгов в соответствии с руководством Всемирного банка: «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного Банка (июль 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 и августе 2018) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 3.14, 3.15 где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

Правомочные участники торгов могут получить полный комплект документации для торгов на русском языке при подаче письменной заявки по указанному адресу: **г. Душанбе, ул. Н.Карабаева - 56, Центр управления проектом сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)**

Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением конкурсного предложения в размере: 686 113,5 сомони.

Выдача тендерных документов и просьбы о разъяснении должны быть получены заказчиком не позднее, чем: за **10 (десять) дней** до даты вскрытия тендерных заявок.

Конкурсные предложения необходимо доставить по указанному ниже адресу в указанное время или ранее: **15⁰⁰ по местному времени 13 февраля 2023 года**. **Электронные торги не разрешаются**. Опоздавшие конкурсные предложения будут отклонены. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей участников торгов и всех, желающих присутствовать, по адресу, указанному ниже в **15¹⁵ по местному времени 13 февраля 2023 года.**

**Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шотемур - 27, первый этаж, кабинет 10.**

Дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время с 09⁰⁰ до 17⁰⁰ (местное время):

**Центр Управления проектом сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)**

**Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Н. Карабаева 56, 4 этаж**
**Тел.: (992372) 33 88 25; 33 13 30, E-mail: rwssp@midp.tj**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Гувоҳномаи шахсияти афсар тахти рақами 000387-и гумшуда, ки онро Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми апрели соли 2017 ба Саидов Мажнун Раҳмоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродии гумшуда бо РЯМ 7930074695, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ 5-уми июли соли 2018 ба Ҳасанова Садбарг додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии маркази савдо ва хизматрасонии маишии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти рақами кадастрии 66-007-000171-01-001 санаи 20-уми ноябри соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи К. Раҳимов, бинои 46/1 ба Сайфуров Сайфиддин Ҳасанович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ ва иқтибос аз варақаи бақайдгирии техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 11-уми январи соли 2023 таҳти варақаи бақайдгирии №88255 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пӯлодӣ, хонаи 4, квартираҳои 43,44 ба Муҳидов Абдурасул Асламович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1- уми кӯчаи Афзалӣ, ҳавлии №32 ба Ҳасанов Амирҳамза Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1- уми кӯчаи Афзалӣ, ҳавлии №32 ба Ҳасанов Амирҳамза Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №155854-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Файзалиева Заррина Нурмухаммадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, бинои 16/4, квартираи №2 ба Маҳмудов Суҳроб Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи ДТО №0252192-и гумшуда, ки онро Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 ба Муродов Анушервон Шодиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросии дараҷаи А №0143185-и гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми октябри соли 2006 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, деҳоти Ҷетиқир ба Раҷабов Имом додааст, эътибор надорад.

✓ Патент бо РЯМ 0430259895, РМА 046026188-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2019 ба Ёров Акбар Умаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ №1830042876- и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба Эмомов Давлат додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби «Хӯҷабулбулон» (бо РЯМ 120040485) эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки Сомониён, кӯчаи Маърифат - 13, хонаи 3 ба Элмуродова Буригуль Ҷайлововна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификаи ҳуқуқи истифодаи замин, таҳти силсилаи А №008978-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Лоҳур, деҳаи Тиллоobод ба Бобиев Сафар додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, бинои 10, квартираи 91 ба Халилов Муҳаммадалӣ Салимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душнабе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Федин (ҳоло Асадулло Ғуломов), бинои 25, квартираи 59 ба Исмоилова Рӯзигул Садридиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Сино 2-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Федин (ҳоло Асадулло Ғуломов), бинои 25, квартираи 59 ба Исмоилова Рӯзигул Садридиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 29-уми июли соли 2022 ба Нуров Сунатулло Муҳиддинович (РЯМ 0130201335) додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Гулистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми июни соли 2013 таҳти №1547 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Оби сафо 2014», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0266118 аз 27-уми майи соли 2014 ва РЯМ 0410025660 мебошад, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Муассисаи «Матбааи назди Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0281731 аз 8-уми июли соли 2020 ва РЯМ 0210028317, РМА 020053375 мебошад, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев ва Фарзона Файзалиева*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97*

*Ба чопаш 31 январи соли 2023, соати 17:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35485 нусха*

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Курбонов ва Ф. Таушаров